**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.06.2025, № 101

Барои сазовор донистани Тоҷидинзода Парвина, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) аз 27-уми марти соли 2025, суратҷаласаи № 93 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Тоҷидинзода Парвина 30-юми марти соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи «Аълочӣ» ва соли 2018 зинаи магистратураи донишгоҳи мазкурро хатм намудааст.

Солҳои 2018-2021 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст.

Аз соли 2022 то ин замон ба ҳайси омӯзгори кафедраи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайниддин Мухторович.

**Муқарризони расмӣ**: **Низомӣ Санавбар Фахрӣ**, доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи забони тоҷикӣ Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъба Тураев Бурҳониддин, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи мазкур Шарифова Гулҷаҳон Мирзозарифовна имзо гардида, бо имзою мухри директори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис Худоӣ пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Тоҷидинзода, П. Ибораҳои изофии исмӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 85-90.

[2-М]. Тоҷидинзода, П. Ифодаи ибораҳои исмии пешояндӣ дар рисолаи «Чиҳилу ду фасл» аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 4. – С. 108-113.

[3-М]. Тоҷидинзода, П., Усмонова, М.Х. Ибораҳои изофии сифатӣ дар рисолаи «Чиҳилу ду фасл» аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода, М.Х. Усмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 93-98.

[4-М]. Тоҷидинзода, П. Ибораҳои исмии алоқаи ҳамроҳӣ дар «Рисолаи беном» аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №2 (54). – С. 96-101.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М].Тоҷидинзода, П. Ибораҳои исмии вобастагӣ бо гурӯҳбандии исму ҷонишин аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 7 майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 52-57.

[6-М]. Тоҷидинзода, П. Ибораҳои сода ва мураккаб дар насри якчанд рисола аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва таъсири он дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ» (Душанбе, 5 майи соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 56-68.

[7-М]. Тоҷидинзода, П.Таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи пайомадҳои нав» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 5 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 140-145.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» **Назарзода Маҳмуд Мирзо** мусбат буда, дар радифи зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар боби аввал баъзе масъалаҳои назариявӣ ба таври фарох баён шудааст, ки ибрози баъзе нуктаҳо такрори андешаҳои баёншуда аст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 5, 17, 18) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» **Амлоев Аминҷон Ятимович** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин қайд шудаанд:

1. Хуб мешуд, дар баъзе бахшҳои кор аз рисолаҳои гуногун мисолҳо гирдоварӣ мегардиданд, зеро дар автореферат танҳо аз чанд рисола мисол оварда шудааст.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 7, 11, 32) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии Институти гуманитарии Хоруғ ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Назаршоева Чилла Раҳимбековна** мусбат буда, ба норасоиҳои ҷойдоштаи зерин ишора шудааст:

1. Дар раванди ҷамъоварии мавод, бахусус, мисолҳо ибораҳои овардашударо каме зиёдтар шарҳ додан ба фоидаи кор буд.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферати диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (5, 17, 18, 34 ва ғ.).

**4. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълимии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф **Шердилова Сурайё Фармонбековна** низ мусбат буда, муқарриз дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ аз баъзе камбудиҳои ҷузъии кори таҳқиқӣ ёдовар шудааст:

1. Дар матни фишурда хатоҳои техникӣ ва имлоӣ гоҳ-гоҳ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

2. Дар ҷобаҷогузории феҳристи адабиёти истифодашуда баъзе камбуду норасоиҳо ва ғалатҳои техникӣ ҷой доранд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– хусусиятҳои фарқкунандаи ибора дар насри мусаҷҷаъ **мушаххас гардида,** муносибатҳои маъноӣ ва услубии иборахо **таъин шудааст.**
– мавқеи ибора дар «Рисолаи форсӣ» ва сохтору истифодаи маънои иборахо дар асар **таҳқиқ шуда,** дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ зарурати таҳқиқи ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ **асоснок гардидааст;**
– **собит карда** шудааст, ки таҳлилу баррасии вижагиҳои ибора дар насри мусаҷҷаъ муҳим мебошад, зеро бештари хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии забон дар иборахо зоҳир мегардад;
– **муайян гардидааст**, ки ибора ҳамчун яке воҳидҳои синтаксис дар ташаккулу такомули нутқ нақши меҳварӣ дорад;
– **нишон дода шудааст,** ки ибораҳои номӣ бо хусусиятҳои сохторӣ аз рӯйи алоқа, мавзуният, ҳазмшавӣ, семантика ва мансубият ба ҳиссаҳои нутқ дар ташаккули нутқ нақши асосӣ ва калидӣ доранд;
– **мушаххас карда шудааст**, ки ибораҳои номии пешояндӣ дар анси Абдуллоҳи Ансорӣ ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун буда, бо таъсири мавзуъ ва мундариҷаи асар истеъмол гардидаанд ва дар ифодаи мақсаду мароми нависанда накши муҳим доранд.
– **таъин гардидааст,** ки ибораҳои номӣ ва гурӯҳи ибораҳои сифатии алоқаи ҳамроҳӣ, ибораҳои шуморавии алоқаи ҳамроҳӣ ва ибораҳои ҷонишинии алоқаи ҳамроҳӣ  дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ корбасти фаровон доранд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқи анҷомшударо ҳангоми тадриси фанҳои лексикология, морфология, услубшиносӣ ва муайян намудани ҷанбаҳои наҳвии забон истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, маводи рисоларо ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба таърихи забони адабии тоҷикӣ ва наҳви он истифоданамудан имконпазир аст. Бахшҳои алоҳидаи диссертатсияро ҳамчун маводи боэътимод ҳангоми тадриси курсу семинарҳои махсус доир ба насри мусаҷҷаъ ва шинохти ибораю ҷумлаҳо дар факултетҳои равияи филологии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба кор бурдан  имон дорад.

Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия аз таҷрибаи илмии муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ, ки доир ба ибора, ҷумла ва наҳв, инчунин, дар самти имконоти луғавию услубӣ ва алоқа дар асарҳои адибони ҷудогона анҷом дода шудаанд,  истифода шудааст. Зимни баррасии масъалаҳои меҳварии диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқон Л.С. Пейсиков, В. Виноградов, В.С.  Расторгуева, Ш.Н. Ниёзӣ, С. Абдураҳимов, М. Акрамов, А. Мирзоев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ш. Рустамов, Д.

Хоҷаев, А. Ҳасанов, З. Мухторов, О. Қосимов, Ф.Х. Шарифова, М. Саломов, Х. Камолзода, С. Расулов ва дигарон истифода шуда, ба афкори назарии онҳо истинод шудааст.

Дар таҳлилу таҳқиқи маводи гирдоваришуда ва масъалаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ аз методи муқоисавӣ-таърихӣ ва усули тасвирӣ истифода шудааст. Методу усулҳои шарҳдиҳӣ ва мушоҳида низ дар таҳқиқ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияро зимни навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ аз наҳви забони адабии тоҷик метавон истифода кард. Маводи рисола ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант барои истифода дар дарсҳои назарӣ ва аз фанни синтаксиси забони адабии тоҷик мувофиқанд. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд барои таҳияи барномаи таълимӣ аз иборашиносии забони тоҷикӣ, китобҳои дарсии марбут ба синтаксиси забони тоҷикӣ ва таърихи забони тоҷикӣ истифоад гарданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, наҳвшиносон ва сарчашмаҳои таърихӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ, таснифи ибора, коркарди маводи пажуҳиш, мувофиқати ҳаҷми маводи тақиқӣ, теъдоди интишорот доир ба мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар заминаи таҳлили илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои бадастомада аз фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки амиқи масъалаҳои дар диссертатсия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани мавқеи ӯ доир ба мавзуи пажуҳиш муайян менамояд. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи муаллифи рисола дар он зоҳир меёбад, ки ӯ ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, ибораҳои дар насри Абдуллоҳи Ансорӣ корбастгардидаро аз лиҳози сохтор таҳлилу баррасӣ намудааст. Муносибати методологии муаллиф ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасӣ ва таҳқиқи ибора, муайян сохтани арзиши илмии он, ба низом даровардан ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12-уми июни соли 2025 дар бораи сазовор донистани Тоҷидинзода Парвина ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар, аз ҷумла 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

12.06.2025